ХУЛОСАИ

комиссиям экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-077 Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин "Таълими муттасили иктисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту муидариҷаи он", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

1. Барои батанзимдарории таълими босифати иктисодӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва мукаммалгардонии дониши таълимгирандагон ҳамкории байни кормандонии зинаҳои таҳсилот мавкеи мухимро ишгол менамояд, ки мутаасифона, айни ҳол дар байни муассисахои тахсилоти миёнаи умумӣ, ҳадди акал литсейҳо ва донишгоҳҳои олии касбй вуҷуд надоранд.

Таълими муттасилӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ барои он ба таълимгирандагон муҳим шуморида мешавад, ки тадбири зерин хамчун омили рушди донишазхудкунии мутахассисони оянда, муайян намудани роҳу усулхои азхудкунии дониш ва ташкили хамкории байни кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумй ва олии касбй дар зинаҳои таҳсилотро таъмин менамояд.

Ташкили таълими муттасилӣ дар байни литсейҳо ва донишгоҳи олии касбӣ яке аз тадбирҳое мебошад, ки барои зина ба зина дар сатхи зарурӣ омода намудани мутахассисони оянда мусоидат менамояд. Ин имкон медиҳад, ки толибилмон дар хар як зинахои тахсилот барномаи таълимиро пурра аз худ намуда, бо омодагии каноатбахш ба зинахои минбаъда гузаранд.

Бо дарназардошти ин, довталаби дараҷаи илмӣ мавзуи кори диссертатсионии худро дар мавзуи "Таълими муттасили иктисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он" зарур дониста, кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъалаи такмили пайваставу муназзами дониш, баланд бардоштани маҳорат ва малакахои хонандагонро зимни таълими фанни иқтисодиёт дар хамкории зинахои тахсилот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

Андешаву мулоҳизоти дар боло баёншуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин муҳим ва айни муддао буда, айни ҳол низоми тахсилоти муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ бо коркардхои илмӣ-методӣ дар ин самт бештар ниёз доранд.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидаанд, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи фанҳои табий-риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо карори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 19.09.2024, №09).

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и тартиби до дани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусиятҳои педагогии омӯзонидани донишҳои иқтисодӣ дар зинаҳои таҳсилот мавриди омӯзишу таҳқик ва баррасӣ қарор дода шуда, роҳу усулҳои ташкили таълими муттасилӣ дар зинаҳои таҳсилот, яъне бо ҳамкории кормандони байни литсейҳо ва донишгоҳҳои иқтисодии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқотро ба сифати маводи иловагӣ ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, дар коркарди стандарту барномаҳо, дастурҳои таълимиву воситаҳои таълими ёрирасон, мизҳои мудаввар ва семинару конференсияҳо, тайёр кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода бурдан мумкин аст. Маводи назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои иқтисодиёти зинаҳои таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, алалхусус литсейҳо истифода бурдан мумкин аст.

3. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он” ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *банди 3* — «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* - «Назария ва консепсияи таълим» (конуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои таҳкиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Литсейи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, МДТ Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии ба номи академик М.Осимӣ. Пажухишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психология, шуъбаи фанҳои табиӣ-риёзӣ, технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф, дар иттиҳодияҳои методии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш карор дода шуданд.

Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин тавассути ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: конференсияҳои дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар 13 маколаи илмӣ, аз он ҷумла 6 маколаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расиданд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои такризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби до дани дараҷаҳои илмӣ мувофикат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдик шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустакилона навишта шудааст, дорой ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва мукаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей-донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он” барои ҳимоя дар шурои диссертатсион иҷозат дода шавад;

2) **Ба сифати муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Данғара ва **ба сифати муқарризони расмӣ:** Нугмонов Мансур - доктори илмҳои педагога, профессори кафедраи методикаи

таълими фанни математикам ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Қодирова Бунавшамоҳ Азизуллоевна - номзади илмхои педагоги, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иутисоди Точикистон таъин карда шаванд.

.3) Барой муайян кардани вакти ҳимоя. нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва пахнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагоги Ҳоҷиматова М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои педагогӣ Шербоев Саидбой

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев Изатулло

17.01.2025

"Имзои Ҳоҷиматова М., Давлатшоев Изатулло
ва Шербоев Саидбойро тасдик мекунам"

Нозири кадрҳои АТТ М. Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ